# ПРОТОКОЛИ

ҷаласаи васеи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

29.12.2022. №5 ш. Кӯлоб

**Иштирокдоштанд:**

Чоршанбиева З.А. – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедра ва 35 нафар аъзоёни кафедра

## Р Ӯ З Н О М А

Муҳокимаи диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Ҷаласаро мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳо н.и.ф. Чоршанбиева З.А. кушода, рӯзномаи маҷлисро ба ҳозирин маълум кард. Сипас суханро барои маърӯза ба довталаби дараҷаи илмӣАбдусамадзода Б.А.дод.

Абдусамадзода Б.А. оид ба мубрамии мавзӯъ, муҳтавои асосии диссертатсия, навгонии илмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти озмоиши баргузор кардааш мухтасар маърӯза кард.

Аъзоёни ҷаласа н.и.п., профессор Иброҳимов Г., н.и.п., дотсент, н.и.п. Ғафоров А. саволҳои худро ба унвонҷӯй пешниҳод намуданд, ки аз тарафи унвонҷӯй ба саволҳо ҷавоби саҳеҳ шунида шуд.

Муқарризон– Исоева Д.С. номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Ғафоров А. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент ва дигар иштирокдорон назари худро баён сохта, ба диссертатсия баҳои мусбат доданд ва барои боз ҳам беҳтар шудани сифати таҳқиқот эроду тавсияҳои худро манзур карданд.

Ҷаласаи васеи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои ДТМИК дар асоси фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшуда.

ҚАРОР КАРД:

1.Диссертатсияи илмии унвонҷӯ Абдусамадзода Б.А дар мавзуи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» кори мустақилонаи ба анҷомрасида ва вазифаҳои дар назди таҳққиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд, қаноатбахш ҳисобида шавад.

2. Баъд азислоҳи камбудиву эрод ва тавсияҳои аз ҷониби иштирокчиёни ҷаласаи роҳшуда диссертатсия барои муҳокима ба давраи дуюми ташхис пешниҳод карда шавад.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои ДТМИК — н.и.ф. Чоршанбиева З.А.

Котиби ҷаласа — Ғиёсов Б.Р.

Имзои Чоршанбиева З.А. ва Ғафоров А.- ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории ДТМИК — Шокиров Қ.Б.